# САФОРАТИ ҶОПОН ТОҶИКИСТОН

Шаҳри Душанбе, кӯчаи Х.Назаров, 80/А
Тел: 992 (372) 27 54 36/46;
E-Mail: embjpn@db.mofa.go.jp

From the People of Japan

# EMBASSY OF JAPAN TAJIKISTAN

80/A, Kh. Nazarov Str., Dushanbe, Tajikistan
Tel: 992 (372) 27 54 36/46;
E-Mail: embjpn@db.mofa.go.jp


## АНҶОМИ ЛОИҲАИ ТАКМИЛИ ТАҶҲИЗОТИ ТИББИИ МАРКАЗИ МИЛЛИИ ТАШХИСУ ТАБОБАТИ ВА ТАЪЛИМӢ ДАР ДОИРАИ КӮМАКИ РАСМИИ РУШДИ ҶОПОН.

**Душанбе, ТОҶИКИСТОН**

4 октябри соли 2024 дар шаҳри Душанбе **Ҷаноби Масаки ИШИКАВА**, Сафир, Намояндаи махсус оид ба Осиёи Миёна дар Вазорати корҳои хориҷии Ҷопон ҳамроҳ бо **Ҷаноби Тошихиро АИКИ**, Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷопон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ва **хонум Зарина АБИДҶОНОВА**, Муовини директор оид ба қисми табобатии Маркази миллии ташхису табобатӣ ва таълимӣ дар маросими анҷомёбии **“Лоиҳаи такмили таҷҳизоти тиббии Маркази миллии ташхису, табобатӣ ва таълимӣ”** иштирок карданд. Дар ин маросим пизишкон ва ҳамшираҳои шафқати ин марказ низ иштирок карданд

Барои татбиқи ин лоиҳа, дар доираи барномаи Ҳукумати Ҷопон “Кӯмакҳои бебозгашт ва амнияти башарӣ барои бахши аъзами аҳолӣ” (GGP) бо маблағи $124,061 доллари ИМА грант ҷудо карда шуд. Қаблан дар Маркази миллии ташхису, табобатӣ ва таълимӣ дар шӯъбаи бемориҳои дарунӣ камбуди таҷҳизоти пизишкӣ мушоҳида мешуд, ки ин ҳолат барои кормандони соҳаи тиб дар расонидани кумак ба беморон мушкил эҷод мекард ва кормандони марказ маҷбур мешуданд, ки беморонро ба беморхонаҳои дигар равон кунанд. Ҳамин тариқ, дар ҷараёни татбиқи лоиҳа таҷҳизоти муосири ташхису табобат бомуваффақият таъмин карда шуд.

Татбиқи ин лоиҳа ба Маркази миллии ташхису табобатӣ ва таълимӣ имкон медиҳад, ки бидуни интиқоли беморон ба бемористонҳои дигар, хизматрасонии тиббиро ба роҳ монад ва хидматрасонии муассири тиббӣ ва муҳити солимро барои сокинони шаҳр фароҳам оварад.

Дар маросим **ҷ-би Масаки ИШИКАВА,** коргарони маркази тиббиро бо анҷоми бомуваффақияти лоиҳа табрик гуфта, қайд кард, ки Ҷопон дар тӯли беш аз 30 соли ба даст овардани истиқлолияти Тоҷикистон ба халқи тоҷик ҳамчун як дӯсти хуб дар соҳаҳои гуногун кӯмак кардааст ва тандурустӣ яке аз бахшҳои муҳими ҳамкориҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Ҷопон мебошад.

Муовини директори Маркази миллии ташхиси, табобати ва таълимӣ ва кормандони марказ барои кумакҳои расонидашуда ба Ҳукумат ва мардуми Ҷопон изҳори сипос намуданд.

Ҳукумати Ҷопон ният дорад дастгирии рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистонро идома диҳад.

*Кӯмакҳои бебозгашт барои бахши аъзами аҳолӣ ва амнияти башарӣ “GGP” тарҳи Барномаи расмии Ҷопон оид ба рушд мебошад. Кӯмакҳои бебозгашти лоиҳаҳои амнияти башарӣ барои бахши аъзами аҳолӣ ба ҳокимиятҳои маҳаллӣ, соҳаҳои маориф ва тандурустӣ, ҳамчунин ба созмонҳои ғайридавлатӣ расонида мешавад. Аз соли 1996 то инҷониб, кӯмакҳои бебозгашт барои бахши аъзами аҳолӣ ва амнияти башарӣ* ***462*** *лоиҳаро ба маблағи умумии* ***$38, 2*** *миллион доллари ИМА дар Тоҷикистон амалӣ намудааст, аз ҷумла 112 лоиҳа дар соҳаи тандурусти.*

*Для более подробной информации о GGP: https://www.tj.emb-japan.go.jp/itpr_ru/kusanone_r.html*





